# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ҷӯраева Замира Ғуломовна «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду)**

Мусаллам аст, ки адабиёти урду дар байни адабиёти гуногунзабони Ҳинд тӯли ду садсолаи охир ҷойгоҳи худро устувор карда, дар баробари ин аз сарчашмаҳои пурғановати адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндӣ ва адабиёти пешрафтаи халқҳои Ғарбу Шарқ баҳравар гаштааст. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки бештари жанрҳои адабӣ ба монанди достон, қисса, ҳикоят, газал, рубоӣ, марсия, китъа ва гайра аз адабиёти тоҷикӣ-форсӣ тақрибан бе тағйири шакл ва вазифа ба адабиёти урду дохил шудаанд.

Насри бадеии адабиёти муосири урду, махсусан жанри ҳикоя дар давраи инкишофу такомули худ аз нуқтаи назари навъҳои адабӣ, мазмуни ғоявӣ ва ҳам аз лиҳози сабку ҷараёнҳои адабӣ рушду нумӯъ намудааст. Дар адабиётшиносии тоҷик ба масъалаи ташаккул ва инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти муосири урду аз ҷониби муҳаққиқон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Махсусан пажӯҳишгарон Ҳ. Раҷабов, Ҷ.Холов, М.Нурова, З. Раҳматуллоева ва дигарон оид ба нависандагони ҳикоянавис рисолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вале то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик рисолае, ки раванди ташаккул ва таҳаввули жанри ҳикояро дар адабиёти урдуи садаи XX ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ гирифта бошад, мавҷуд набуд. Рисолаи Ҷӯраева Замира Ғуломовна «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» ба ҳамин ҷанбаи таҳқиқнашуда бахшида шуда, аз ҷониби унвонҷӯ бори нахуст дар ҳиндшиносии тоҷик таҳаввули жанри ҳикояи урду ва такомули он ба таври монографӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи комил қарор мегирад. Аз ҷониби унвонҷӯ заминаҳои пайдоиши жанри ҳикоя, даврабандӣ ва ҷузъиёти такомули он дар ҳамбастагӣ бо таълифоти нависандагони таҳқиқшуда, дар ин

замина хусусиятҳои асосии жанри ҳикоя муайян карда шудааст. Ҳамчунин, бори нахуст нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди инкишофи насри навини урду аниқ мегардад.

Боби аввали рисола ба масъалаҳои таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳикоя бахшида шуда, муҳаққиқ ба заминаҳои таърихию суннатии шаклгирӣ ва инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти урду таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ мӯътақид бар он аст, ки яке аз сарчашмаҳои муҳим ва таъсиргузори ташаккули анвои наср дар адабиёти урду қиссаю достонҳо ва ҳикояҳои рангини насри классикии форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Осори мансуре мисли «Калила ва Димна», «Ҳазору як шаб», «Самаки айёр», «Тутинома»-и Нахшабӣ ва ғайра дар ташаккули ҳикояҳои ҳиндӣ нақши муҳим дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия ҳодиса ва воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии садаи XIX ва ибтидои садаи XX баррасӣ гардида, масъалаи зуҳури тамоилҳои ҷадид дар масири инкишофи ҳикояи муосири урду аз дидгоҳи таъсири ҳаводиси замон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби сеюми рисола муаллиф раванди ташаккули ҳикояи урдуро арзёбӣ карда, вижагиҳои эҷодиёти Премчанд ва Кришан Чандарро муқаррар мекунад.

Дар маҷмӯъ, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар се боби рисола ва зерфаслҳои он заминаҳои адабӣ, таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши жанри ҳикояро дар адабиёти муосири урду мушаххас карда, марҳалаҳои такомули онро даврабандӣ намояд. Ҳамчунин унвонҷу ташаккул ва таҳаввули жанри мазкурро аз нигоҳи сюжету устухонбандӣ, образнокӣ ва забону услуб таҳқиқ намудааст. Аҳамияти назарӣ ва амалии рисола дар он аст, ки он барои адабиётшиносии урду ҳамчун маводи назариявӣ ҷиҳати пайдоиш, ташаккул ва такомули жанри хурди насрӣ, яъне ҳикояи урду метавонад заминаи корбарӣ ва мавриди истифода қарор гирад.

Унвончӯ масоили мавриди назарро ба низом ва дар алоқамандию ҳамбастагии қавии илмӣ ва пажӯҳишӣ баррасӣ намуда, ба хулосаҳои қобили эътимоди назар расидааст.

Дар баробари паҳлӯҳои мусбати рисола, ки дар боло зикр гардиданд, дар кори илмии Ҷӯраева Замира Ғуломовна баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мешаванд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши мазкур аз аҳамият холӣ нест:

1. Ҳангоми нашри монографияи илмӣ аз рӯи мавзӯи рисола масъалаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, аз нигоҳи илмӣ мушаххастар ва таҳрир карда шаванд.

2. Дар баъзе маворид имлои нав сарфи назар шуда, дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи рисола ( саҳифаҳои 3, 4, 6, 9, 15)ғалатҳои имлоию китобӣ ба назар мерасанд.

Вале камбудиҳои ҷойдошта, ки тавассути автореферат ошкор гардиданд, ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқотро кам намесозанд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи Ҷӯраева Замира Ғуломовна «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» пажӯҳиши анҷомёфта ва комилу фарогири илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи назария ва
таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ Восиева Р.Қ.

Имзои Р.Қ. Восиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК: Д. Назаров

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

11.01. 2021